Таҳлили таъсири танзимкунии
қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад | Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ |
| Мӯҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 10 майи соли 2023 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи қарори мазкур дар феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 феврали соли 20223 ҷойгир карда шудааст |
| Маҷмуи таклифҳо аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи қарори мазкур таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.<br>Пас аз дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи қарор машварати оммавӣ гузаронида шуда, нақшаи қабули лоиҳа аз ҷониби тарафҳои манфиатдор ҷонибдорӣ гардид. |
| Тафсири мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёриии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад. | Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки санаи 26 январи соли 2022 ироа гардид, дар баробари дигар масъалаҳо, таъкид гардид, ки бо мақсади танзими муносибатҳо дар самти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва аз аудити ҳатмии ҳарсола гузаштани субъектҳои дорои манфиати умум ва дар ин замина ҷалби сармояи хориҷӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад<br>Гарчанде, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи стандартҳои байналмилалӣ тартиб додани ҳисоботи молиявӣ, нашри ҳисоботи молиявӣ дар воситаҳои ахбори омма ва доштани сертификати муҳосиби касбиро барои сармуҳосибони субъектҳои дорои манфиати умум пешбинӣ намуда бошанд ҳам, вале барои |

| | |
|---|---|
| | содир намудани чунин кирдорҳо ва риоя нагардидани меъёрҳои қонунгузории соҳа дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ нагардида, ҳамзамон салоҳияти мақомоти табиқкунандаи он дар Кодекси мурофиаи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда нашудааст. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Мақсади ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҳуқууқвайронкунии маъмурӣ бо мақсади аз байн бурдани ҳукувайронкуниҳо дар самти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби субъектони дорои манфиати умум ва дар ин замина татбиқ намудани муҷозотҳои маъмурӣ боиси баланд бардоштани масъулияти соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони мансабдор гардида, ба саривақт татбиқ гардидани талаботи қонунҳои соҳа, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» заминагузор хоҳад буд.<br>Ҳамзамон, дар робита ба тағйироту иловаҳои ба Кодекси ҳуқуқвайронкуни маъмурӣ воридгардида, инчунин ба Кодекси мурофиаи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади замиани татбиқи талаботи иловашаванда тағйроти дахлдор ворид карда шуд. |
| Тафсири мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда аз ҷумла, чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Бо мақсади риоия ва мавриди амал қарор додани талаботи муқаррарнамудаи санадҳои соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, инчунин мақомоте, ки пешбурди парвардаҳои маъмурӣ дар сурати қонуншиканиҳо аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин шахсони мансабдор ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ илова намудани моддаҳои алоҳида, аз ҷумла $648^1$, $648^2$, $648^3$ пешбинӣ гардида, дар робита ба ин ба моддаҳои 93 ва 129 Кодекси мурофиаи маъмурӣ низ тағироти дахлдор оид ба салоҳити мақомоти ваколатдори соҳа ва пешбарандаи баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ворид карда шуд. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Натиҷаи тағйиру иловаҳо ба кодексҳои мазкур боиси он мегардад, ки ҳар як субъект ҷиҳати риояи талаботи қонунгузорӣ бевосита масъулият ҳис мекунанд ва баҳсобгирии дурсти маюлаҳои буҷети ва ғайрибуҷетиро амалӣ намуда, пас аз бевосита ба Буҷети давлатӣ пардохт намудани маблағҳои дахлдори андозӣ ва ғайриандозиро анҷом диҳад. Бояд тазаккур дод, ки ҷорӣ намудани механизми мазкур боиси то як сатҳи назаррас паст намудани ҳолатҳои ба миён омадани омилу сабабҳои характери |

| | |
|---|---|
| | коррупсионидошта ва ҳамагуна кирдорҳои номатлуб мегарданд. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти давлатии эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва роҳҳои дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Қабули лоиҳа аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб наменамояд.<br>Оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ:<br>Дар сурати қабул гардидани қарори мазкур тавре зикр намудем, фаъолияти субъектони дорои манфиати умум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи талаботи қонунгузорӣ дуруст роҳандозӣ гардида, ба қисми даромади буҷети давлатӣ ворид гардиан маблағҳо ба таври аммик амалӣ карда мешаванд. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф дар даврияти ҷамъоварии он | Дар сурати қабули лоиҳаҳои мазкур монеагиҳо дар самти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ кам гардида, боиси дуруст роҳандозӣ гардидани ҳисобкунӣ ва пардохти маблағҳои буҷети давлатӣ ва шаҳрвандон, аз ҷумла андоз, музди меҳнат ва дигар даромадҳо мегардад |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 20 майи соли 2023 |

Муовини вазири молия Ю. Маҷидӣ